**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Тел.: / Факс: (992-37) 224 72-02 // E-mail: rectortau31@mail.ru // www.tajagroun.tj

аз «31» 03. 2021 №2.

## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Рӯзи 29-уми апрели соли 2021 дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд" **баргузор мегардад.**

**Дар конференсия масоили зерин баррасӣ карда мешавад:**

- Технологияи инноватсионии парвариши зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим
- Технологияи инноватсионии парвариши меваю сабзавот ва рушди боғу токпарварӣ
- Саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ - омили рушди устувори соҳа
- Технология ва воситаҳои механиконии кишоварзӣ
- Иқтисодиёт, менеҷмент, маркетинг ва бозори молиявӣ дар КАС
- Тибби ветеринарӣ ва технологияҳои муосир дар чорводорӣ ва паррандапарварӣ
- Истифодабарии самаранок ва ҳифзи захираҳои обу замини
- Технологияи нигоҳдорӣ ва коркард, логистика

**Талабот нисбати маърӯзаҳои барон чоп пешниҳодшаванда**

Матнҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботхои техникӣ ҷавобгӯ бошанд:

- саҳифаи А4, хошияҳо аз тарафаи чап 3 см, аз тарафи рост 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman TJ бо андозаи - 14;
- сатри якум -номи маърӯза БО ҲАРФҲОИ КАЛОН бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри дуюм - насаби муаллиф, харфи аввали ном ва номи падар, бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри сеюм - номи муассиса, ҷои кори асосӣ (таҳсил) бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри чорум аннотатсия (то 5 ҷумла), калидвожаҳо (то 7 калима);
- матни маърӯза бояд дар таҳриргари матни MS Word ҳуруфчинӣ шуда, фосилаи байнисатрӣ -1,5 баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин нест;
- ҳаҷми матни маърӯза бо формула, рақам, ҷадвал, рӯйхати адабиёт, аннотатсия ва калидвожаҳо набояд аз 6 саҳифа зиёд бошад (Формулаҳо бояд дар таҳриргари «Формула» сохта шаванд);
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [3] омода карда мешавад.

**Забони конференсия:** тоҷикӣ, русӣ.

*Кумитаи тадорукоти конференсия ҳуқуқи таҳрири техникиро дошта, метавонад маърӯзаҳоеро, ки ба мавзӯъ мувофиқ нестанд ва ё бе риояи талаботи техникии пешниҳодгардида омода карда шудаанд, ба муаллиф баргардонад. Дараҷаи аслияти матни маърӯзаҳо накам аз 70% бошанд.*

**Маводи конференсия нашр мешавад. Муҳлати қабули мақолаҳо то 25.04.2021**

**Маълумотҳои иртиботӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, факултети механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.
**Тел: 224-33-79; 935851041; 918234512: E-mail:** ruzimurod.boymurodov@inbox.ru, behzodtau@gmail.com